*УДК 323: 314.15*
*DOI 10.24412/3005-8023-2026-1-165-172*

# ҶАНБАҲОИ СИЁСИИ ТАЪСИРГУЗОРИИ МУҲОҶИРАТ БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

**Миралиева Мухлисахон Олимовна,**
*унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

# ПОЛИТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ВЛИЯНИЯ МИГРАЦИИ НА НАЦИОНАЛЬНУЮ БЕЗОПАСНОСТЬ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**Миралиева Мухлисахон Олимовна,**
*соискатель кафедры политологии ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан)*

# POLITICAL ASPECTS OF THE IMPACT OF MIGRATION ON NATIONAL SECURITY IN CONTEMPORARY CONDITIONS

**Miralieva Mukhlisakhon Olimovna,**
*researcher of political science chair under the TSULBP (Khujand, Tajikistan)*
***e-mail:*** *muhlisakhon90@mail.ru*

*Ҷанбаҳои сиёсии таъсири муҳоҷират ба амнияти миллӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Зикр шудааст, ки муҳоҷират ҳамчун падидаи мураккаби глобалӣ ба сиёсат, амният, иқтисодиёт ва фарҳанги кишварҳо таъсири амиқ мерасонад. Чунин таъсиррасонӣ ҳам дар давлати қабулкунанда ва ҳам дар давати интиқолдиҳандаи муҳоҷирон эҳсос карда мешавад. Дар шароити муосир сатҳи баланди муҳоҷират боис мегардад, ки кишварҳои интиқолдиҳандаи муҳоҷирон ба сиёсати давлатӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии кишвари қабулкунанда вобастагии ҷиддӣ пайдо кунанд. Муҳоҷират дар муносибатҳои байнидавлатӣ на танҳо падидаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, балки ба абзори фишороварии сиёсӣ низ табдил ёфтааст. Зикр шудааст, ки сатҳи баланди муҳоҷират ба раванди таҳкими соҳибистиқлолии давлат низ таҳдидҳои ҷиддӣ ба миён меорад. Вобастагии аҳолӣ аз даромади муҳоҷирон дар навбати худ на танҳо ба вобастаии сатҳи зиндагии аҳолӣ, балки ба вобастагии рушди устувори иқтисодии кишвар аз вазъи сиёсӣ ва қонунгузории давлати қабулкунанда оварда мерасонад. Эҳтимоли гирифтории муҳоҷирон ба доми фиреби ҳар гуна созмонҳои ғаразноки сиёсӣ, тундгаро ва ифротгаро ба таври махсус зикр шудааст.*

**Калидвожаҳо:** *муҳоҷират, амнияти миллӣ, сиёсати хориҷӣ, фишороварии сиёсӣ, геополитика, амнияти иқтисодӣ, идоракунии муҳоҷират*

*Рассматриваются политические аспекты влияния миграции на национальную безопасность. Отмечается, что миграция как сложное глобальное явление оказывает глубокое влияние на политику, безопасность, экономику и культуру всех стран. Подобное влияние ощущается как в принимающем государстве, так и в стране, отправляющей мигрантов. Высокий уровень миграции приводит к тому, что страны, отправляющие мигрантов, становятся серьезно зависимыми от государственной, экономической и правовой политики принимающей страны. Миграция стала не только социально-экономическим явлением в межгосударственных отношениях, но и инструментом политического давления. Отмечается, что высокий уровень миграции также представляет собой серьезную угрозу для укрепления независимости государства. Зависимость населения от доходов мигрантов, в свою очередь, приводит не только к зависимости от неё уровня жизни населения, но и к зависимости экономического развития страны от политической ситуации и законодательства принимающего государства. Особо отмечается возможность того, что мигранты могут стать жертвами обмана со стороны политически мотивированных, экстремистских и радикальных организаций.*

***Ключевые слова:*** *миграция, национальная безопасность, внешняя политика, политическое давление, геополитика, экономическая безопасность, управление миграцией*

*The article examines the political aspects of migration's impact on national security. It notes that migration, as a complex global phenomenon, has a profound impact on the politics, security, economy, and culture of all countries. This impact is felt in both the receiving and sending countries. High levels of migration lead to migrant-sending countries becoming heavily dependent on the governmental, economic, and legal policies of the receiving country. Migration has become not only a socioeconomic phenomenon in interstate relations but also an instrument of political pressure. It has been noted that high levels of migration also pose a serious threat to the strengthening of state independence. The population's dependence on migrants' income, in turn, leads not only to the population's standard of living being dependent on it, but also to the country's economic development being dependent on the political situation and legislation of the host state. The possibility that migrants may become victims of deception by politically motivated, extremist and radical organizations is particularly noted.*

***Key-words:*** *migration, national security, foreign policy, political pressure, geopolitics, economic security, migration management*

Дар шароити муосир марҳалаи нав дар ташаккули низоми бисёрқутбаи глобалӣ оғоз гардидааст, ки ҳамчун “гузариши геополитикӣ” баррасӣ карда мешавад. Раванди мазкур бо нооромиҳои тулонӣ, бесуботӣ, зоҳиршавии буҳронҳои мухталифи минтақавӣ ва глобалӣ, моҷароҳои сиёсӣ бо шаклҳои нав ва хатарнок зоҳир мегардад. Дар ин замина афзудани таҳдидҳо, номуайянӣ ва рақобати байни давлатҳои бузурги ҷаҳонӣ мушоҳида карда мешавад, ки ба амнияти байналмилалӣ ва минтақавӣ таъсири бевосита мегузоранд.

Тақвияти  ду раванди мухолиф, яъне аз як тараф қувват гирифтани ҷаҳонишавӣ ва зарурати таҳким бахшидани соҳибистиқлолӣ ва мустақилияти давлатҳо ба мушоҳида мерасад. Давлатҳо бештар кӯшиш бар он менамоянд, ки дар ин фароянд манфиатҳои миллӣ ва амнияти миллии худро ҳимоят намоянд. Аз як тараф, ҷаҳонишавӣ ба ҳамгирои бозорҳо, гардиши озоди неруи корӣ, иттилоот ва сармоя мусоидат менамояд, аз тарафи дигар, аксарияти давлатҳо ба тақвияти соҳибистиқлолӣ,  суботи дохилӣ ва амнияти стратегии худ саъйу кӯшиш менамоянд. Албатта, дар чунин ҳолат сиёсати бисёрҷанбаи муҳоҷиратӣ, маҳдудиятҳои сарҳад, низоъҳои геополитикӣ ва самтҳои нав дар сиёсати хориҷӣ ба миён меоянд.

Дар чунин вазъияти мураккаби низоми ҷаҳонӣ раванди муҳоҷират ба яке аз муҳимтарин падидаҳои замони муосир мубаддал шудааст. Зери таъсири маҷмуи омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, низомӣ, экологӣ, демографӣ ва гуманитарӣ ҳаракати оммавии аҳолӣ васеъ паҳн гардида, муҳоҷиратро ба яке аз масъалаҳои меҳварии сиёсати ҷаҳонӣ табдил додааст [6,с.7]. Рушди босуръати муҳоҷират на танҳо натиҷаи фишорҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, балки вокуниши табиӣ ба буҳронҳои минтақавӣ, низоъҳои сиёсӣ, тағйирёбии иқлим, нобаробарии рушди давлатҳо ва рақобатҳои геополитикӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, метавон зикр намуд, ки муҳоҷират на танҳо раванд ё ҳодисаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, балки падидаи мураккаби глобалӣ аст, ки ба сиёсат, амният, иқтисодиёт, фарҳанги кишварҳо таъсири амиқ мерасонад. Рушди босуръати раванди муҳоҷират таҳияи роҳкорҳои нави идоракунии он, механизмҳои ҳамкории байналхалқӣ ва такмили сиёсати миллии кишварҳоро тақозо менамояд. Дар шароити муосир раванди муҳоҷират бо мушкилоти глобалии муосир пайванд гардида, дар навбати худ ба як масъалаи амниятии минтақавию глобалӣ ва давлатҳои алоҳида табдил ёфтааст.

Ба таври умумӣ, муҳаққиқон ҷиҳатҳои мусбати муҳоҷиратро таъкид намуда, оид ба

ҳамгироии фарҳангии халқу миллатҳои гуногун, мусоидат ба рушди сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии ҷаҳонӣ сухан меронанд. Илова бар ин, муҳаққиқон ҷанбаҳои манфии равандҳои муҳоҷиратро низ таъкид намудаанд. Дар ин самт, муҳоҷират, пеш аз ҳама, ба амнияти давлатҳо таъсири манфӣ мерасонад. Чунин таъсиргузорӣ ҳам дар давлати қабулкунанда ва ҳам дар давати интиқолдиҳандаи муҳоҷирон эҳсос карда мешавад [9,с.40]. Аз ин хотир барои таъмини амнияти миллӣ аксарияти давлатҳо сиёсати муҳоҷиратиро пурзӯр намуда, дар ин самт чораҳои фаврӣ қабул намудаанд. Метавон зикр намуд, ки муҳоҷират ҳам ба амнияти давлати қабулкунанда ва ҳам ба амнияти давлати интиқолдиҳандаи муҳоҷирон таъсири амиқ мерасонад.

Дар шароити Тоҷикистон ҷанбаҳои мухталифи масъалаҳои муҳоҷират, хусусан ҷиҳатҳои сиёсӣ ва амниятии он дар таҳқиқоти алоҳида мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор гирифтаанд. Хусусан таъсири ин омил ба муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муҳаққиқони ватанӣ Зокиров Г.Н., Маҳмадбеков М.Ш., Исроилов И.Н., Абдуллоев И. ва дигарон дар таҳқиқоти хеш ҷанбаҳои мухталифи муҳоҷиратро дар шароити Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додаанд.

Ҳамин тариқ, дар шароити имрӯза омӯзиш ва баррасии таъсири муҳоҷират ба амнияти давлатҳо муҳим гардида, таваҷҷуҳи хоссаро талаб менамояд. Дар таҳқиқи мазкур масъалаҳои амнияти давлат аз мавқеи давлати интиқолдиҳандаи муҳоҷирон мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Муҳоҷират падидае мебошад, ки ҳам дар дохили давлат ва ҳам дар сатҳи минтақавию байналхалқӣ амалӣ мегардад. Шаклҳои ҳаракати муҳоҷирати аҳолӣ гуногун буда, аз устувории сиёсӣ ва вазъияти иҷтимоиву иқтисодӣ вобаста аст. Як қатор муҳаққиқон чунин зикр менамоянд, ки муҳоҷират бар хилофи дигар соҳаҳои идоракунии давлатӣ, зарурат ба танзими ҳуқуқӣ надорад [4,с.52]. Лекин, омӯзиш, таҳлил ва арзёбии вазъи равандҳои муҳоҷиратӣ дар шароити имрӯза тақозо менамоянд, ки чорабиниҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ дар самти маҳдуднамоии оқибатҳои манфии муҳоҷират қабул карда шаванд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки муҳоҷирати аҳолӣ дорои решаҳои амиқи иҷтимоию иқтисодӣ буда, бо нобаробарии рушди кишварҳо ва минтақаҳо, маҳдудияти ҷойҳои корӣ, паст будани сатҳи даромад, маҳдудияти дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва рушди номутавозини инфрасохтор алоқаманд мебошад. Метавон зикр намуд, ки омилҳои зикргардида хусусияти устувор дошта, эҳтимоли нигоҳ доштани афзоиши муҳоҷиратро дар оянда низ тақвият медиҳанд. Инчунин, ба раванди муҳоҷират омилҳои сиёсӣ, демографӣ, экологӣ низ таъсир мерасонанд, ки тамоми фазои амнияти кишвар ва минтақаро ташкил менамоянд.

Ҳамин тариқ, бо назардошти таъсири муҳоҷират ба амнияти миллӣ дар самтҳои гуногун, аз ҷумла амнияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ, идеологӣ, иттилоотӣ ва фарҳангӣ, такмили механизмҳои идоракунии муҳоҷират ба яке аз вазифаҳои стратегии давлат мубаддал гардидааст. Давлатро зарур аст, ки сиёсати муҳоҷиратиро бо назардошти таҳдидҳои муосир таҳким бахшида, маҷмуи чорабиниҳои муассирро дар самти таъмини амнияти миллӣ роҳандозӣ намояд. Чунин чорабиниҳоро метавон дар самти таҳкими бозори меҳнат, беҳтар намудани шароити иҷтимоиву иқтисодӣ дар кишвар, тавсеаи касбомӯзии ҷавонон, ҳамоҳангсозии фаъол бо давлатҳои қабулкунанда, ташаккули механизмҳои ҳифзи ҳуқуқии муҳоҷирон таҳия ва амалӣ намуд. Танҳо дар ҳолати идоракунии омилҳои дохилӣ ва хориҷии муҳоҷират, давлат метавонад суботи демографӣ, иқтисодӣ ва сиёсиро таъмин намуда, сатҳи амнияти миллӣ ва иҷтимоиро таҳким бахшад.

Дар шароити муосир сатҳи баланди муҳоҷират боис мегардад, ки кишварҳои интиқолдиҳандаи муҳоҷирон ба сиёсати давлатӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии кишвари

қабулкунанда вобастагии ҷиддӣ пайдо кунанд. Сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишварҳои қабулкунанда ба вазъи муҳоҷирон, ҳуқуқ ва имкониятҳои кории онҳо таъсири бевосита мерасонанд. Тағйироти қонунгузорӣ, муносибати дипломатӣ, танишҳои сиёсӣ ва маҳдудиятҳои маъмурӣ ба муҳоҷирон таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Чунин вазъият ба худи давлати интиқолдиҳандаи муҳоҷирон ҷанбаи вобастагии сиёсиро ба миён меорад.

Муҳаққиқ И. Валлерстайн дар доираи назарияи низоми ҷаҳонӣ зикр намудааст, ки интиқоли захираҳои меҳнатӣ ба давлати дигар яке аз шаклҳои вобастагии сиёсӣ ва иқтисодӣ аст. Чунин вобастагӣ ба заифшавии субъектнокии сиёсии давлати интиқолдиҳандаи муҳоҷирон оварда мерасонад [1,с.47].

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар таҳқиқоти муосир муҳоҷиратро ҳамчун ҷузъи механизми истисмори меҳнати арзони кишварҳои рушдкунанда; ҳамчун воситаи нигоҳ доштани вобастагии кишвари интиқолдиҳандаи муҳоҷирон; омили асосии аз даст додани иқтидори меҳнатии кишварҳои интиқолдиҳанда; воситаи ташаккули элитаи вобаста ва вобастагии сиёсӣ баррасӣ менамоянд.

Ҳамин тариқ, метавон ба хулоса расид, ки муҳоҷират танҳо падидаи иқтисодӣ набуда, аз нуқтаи назари сиёсӣ воситаи муҳимми нигоҳдории вобастагии кишвари интиқолдиҳандаи муҳоҷирон ба ҳисоб меравад. Тағйироти қонунгузории кишварҳои қабулкунанда ба вазъи муҳоҷирон, ба сиёсати дохилии давлатҳои интиқолдиҳандаи муҳоҷирон низ бевосита таъсир мерасонад. Чунин вазъият ба ташаккули вобастагии сиёсӣ оварда мерасонад, ки метавонад амнияти миллии давлати интиқолдиҳандаи муҳоҷиронро халалдор созад.

Кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирон дар ҳолатҳои зарурӣ метавонанд, ки муҳоҷиратро ҳамчун воситаи таъсиррасонӣ ба қарорҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва стратегии кишвари интиқолдиҳандаи муҳоҷирон истифода намоянд. Дар чунин ҳолат маҳдуд намудани квотаҳо, қатъ намудани додани иҷозатномаҳои корӣ ё афзоиши талаботи ҳуқуқӣ ба муҳоҷирон ҳамчун абзори фишори сиёсӣ баромад менамоянд. Яке аз мутахассисони машҳур оид ба муҳоҷират С. Кастелс зикр менамояд, ки кишварҳои қабулкунанда метавонанд муҳоҷиратро ҳамчун абзори фишори сиёсӣ истифода намоянд, тағйироти қонунгузорӣ, маҳдудиятҳои маъмурӣ, квотаҳо ва ҳатто, робитаҳои дипломатӣ метавонанд бевосита ба муҳоҷирон таъсир расонида, ба давлати интиқолдиҳандаи муҳоҷирон фишори сиёсӣ оварад [4,с.58].

Муҳаққиқони рус А. Д. Назаретян, В. И. Мукомел ва Г. Витковская таъкид намудаанд, ки Федератсияи Русия дар ҳолатҳои зарурӣ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ фишори сиёсӣ мерасонад ва дар ин самт аз муҳоҷирон истифода менамояд [6;2;7]. Ҳамин тариқ, таҳлил нишон медиҳад, ки ба хотири фишори сиёсӣ воридшавии муҳоҷирон маҳдуд карда мешавад; қоидаҳои патент, бақайдгирӣ ва иҷозатномадиҳӣ тағйир меёбад; аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ рейдҳо гузаронида мешаванд; фаъолиятҳои муайян барои муҳоҷирон манъ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, метавон чунин зикр намуд, ки муҳоҷират дар муносибатҳои байнидавлатӣ на танҳо падидаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, балки абзори фишороварии сиёсӣ низ ба ҳисоб меравад. Давлатҳои қабулкунанда бо назорат ва идоракунии шароити воридшавӣ ва иқомат, квотаҳои корӣ ва талаботи ҳуқуқӣ метавонанд ба кишварҳои интиқолдиҳандаи муҳоҷирон таъсири мустақими сиёсӣ расонанд.

Танзими равандҳои муҳоҷиратӣ дар фазои пасошуравӣ дар аксарияти ҳолатҳо балки ба манфиатҳои геополитикӣ, на ба талаботи бозори меҳнат алоқаманд аст. Маҳдуд намудани фаъолият, гузаронидани рейдҳо ва бунёд намудани монеаҳои маъмурӣ нисбат ба муҳоҷирон ҳамчун паёми огоҳкунандаи сиёсӣ ё шакли фишор ба кишварҳои

интиқолдиҳандаи муоҷирон хизмат мекунанд.

Дар чунин шароит даватҳои интиқолдиҳандаи муҳоҷирон дар асоси вобастагии иқтисодӣ аз маблағи муоҷирон ва зарурати муҳофизати шаҳрвандон дар хориҷа, ба таври объективӣ ба фишори сиёсӣ осебпазир мегардад. Истифода гардидани муҳоҷират ҳамчун воситаи фишороварӣ ба коҳиши субъектнокии сиёсӣ, маҳдудияти роҳу воситаҳои дипломатӣ ва афзоиши вобастагӣ дар муносибатҳои дуҷониба оварда мерасонад. Фишороварии сиёсӣ тавассути муҳоҷират як шакли нозуки таъсиррасонӣ ба ҳисоб меравад, ки дар доираи он назорат ва идоракунии ҳаракати муҳоҷирон ба сарчашмаи ҳокимият мубаддал мегардад ва низоми муносибатҳои байнидавлатиро ташаккул медиҳад.

Сатҳи баланди муҳоҷират ба раванди таҳкими соҳибистиқлолии давлат таҳдидҳои ҷиддӣ ба миён меорад. Вобастагии аҳолӣ аз даромади муҳоҷирон дар навбати худ на танҳо ба вобастаии сатҳи зиндагии аҳолӣ, балки ба вобастагии рушди устувори иқтисодии кишвар, вазъи сиёсӣ ва қонунгузории давлати қабулкунанда оварда мерасонад. Албатта, дар чунин ҳолат давлати интиқолдиҳандаи муҳоҷирон дар қабули қарорҳои стратегӣ мустақил набуда, таъсири омилҳои берунаро эҳсос менамояд.

Дар ҳолати таъмини миқдори зиёди маҷрои асъори хориҷӣ аз маблағи муҳоҷирон, иқтисоди миллӣ ба ин сарчашмаи молиявӣ ба таври ҷиддӣ вобаста мегардад. Бо пайдо гардидани танишҳои сиёсӣ, тағйирёбии сиёсати шарикони хориҷӣ, қатъ ё маҳдуд гардидани интиқоли маблағҳо аз тарафи муҳоҷирон хатари ноустувории иқтисодӣ ба миён меояд. Чунин вазъият бевосита ба имкониятҳои таҳкими соҳибистиқолӣ, амнияти иқтисодӣ, амнияти сиёсӣ таъсири манфӣ мерасонад [8,с.159].

Вобастагии иқтисоди миллӣ аз муҳоҷирон имконият ва иқтидори амалинамоии сиёсати мустақили хориҷӣ ва дохилиро маҳдуд мекунад. Давлатҳои қабулкунанда дар ҳолатҳои муайян метавонанд аз ин вобастагӣ ҳамчун абзори таъсиррасонии геополитикӣ истифода намоянд. Бадшавии муносибатҳои сиёсии байни кишварҳо ба муҳоҷирон ва даромади онҳо, ба эътимоди иҷтимоӣ, вазъи иқтисодӣ ва суботи дохилӣ таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамин тариқ, метавон зикр намуд, ки сатҳи баланди муҳоҷират метавонад ба ташаккули давлати устувор ва мустақил монеаҳо эҷод намояд, зеро вобастагии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ васеъ гардида, амнияти миллӣ дучори таҳдиду хатарҳои нав мегардад [10,с.16].

Ҳамин тариқ, дар маҷмуъ вобастагии сиёсӣ аз давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирон яке аз паҳлуҳои муҳим ва хатарноки таъсири муҳоҷират ба амнияти миллӣ мебошад. Ба хотири коҳиш додани чунин вобатагӣ зарур аст, ки такмили бозори меҳнат; таҳкими иқтисоди дохилӣ, ҷалби сармояҳои дарозмуддат, эҷоди ҷойҳои кор; густариши ҳамкории мутақобилан судманд бо давлатҳои қабулкунанда амалӣ карда шаванд.

Дар шароити муосир муҳоҷират на танҳо як падидаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, балки воситаи муҳимми таъсиррасонии геополитикӣ ва абзори рақобати давлатҳо дар фазои байналмилалӣ гардидааст. Кишварҳои бузург ва минтақавӣ бо истифода аз муҳоҷирон метавонанд ба амнияти иқтисодӣ, сиёсати дохилӣ ва суботи иҷтимоии кишварҳои интиқолдиҳандаи муҳоҷирон таъсири мустақим расонанд. Аз ин рӯ, муҳоҷират имрӯз ба яке аз унсурҳои ҷанги геополитикӣ мубаддал гардидааст.

Кишварҳои қабулкунандаи муоҷирон кӯшиш менамоянд, ки вобастагии итисодии кишварҳои интиқолдиҳандаи муҳоҷиронро аз маблағҳои муҳоҷирон нигоҳ доранд. Дар ҳолате, ки қисми муҳимми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз даромади муҳоҷирон вобаста аст, кишварҳои қабулкунанда ба таври ғаримустақим ба сиёсати дохилии чунин кишварҳо таъсир мерасонанд, зеро коҳиши сатҳи муҳоҷират ба буҷа, қурби асъор ва вазъи иҷтимоии давлати интиқолдиҳандаи муҳоҷирон таъсири ҷиддӣ мерасонад [13,с.65].

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар ҳолатҳои зарурӣ муҳоҷирон ба таври ғайримустақим дар рақобатҳои идеологӣ истифода карда мешаванд. Дар ин самт метавон ташкили шабакаҳои

алоҳидаи таъсиррасонӣ ба муҳоҷирон дар хориҷа, истифодаи муҳоҷирон дар ҷангҳои иттилоотӣ, таъсиррасонӣ ба афкори муҳоҷирон бо мақсади интиқоли ғояҳои муайян ба кишвари интиқолдиҳандаи муҳоҷиронро махсусан зикр намуд. Муҳаққиқ М.В.Олкотт масъалаҳои мухталифи равандҳои идеологӣ ва муҳоҷирати шаҳрвандонро мавриди омӯзиш ва таҳил қарор дода, ёдовар гаштааст, ки муҳоҷирон дар кишварҳои хориҷӣ бештар ба таъсиррасонии идеологӣ дучор мешаванд, зеро онҳо аз ҷиҳати иҷтимоиву фарҳангӣ ҳифз карда намешаванд [11,с.38]. Ҳамин тариқ, метавон зикр намуд, ки муҳоҷирон дар кишварҳои хориҷӣ ба муҳити хавфнок ворид мешаванд, ки метавонад ба амнияти кишвари онҳо таъсири манфӣ расонад.

Дар муҳити муҳоҷирон, паҳни идеологияи иртиҷоӣ бештар мушоҳида карда мешавад. Муҳоҷирон бо мушкилоти кор, иҷозати истиқомат ё набудани дастгирӣ дучор гардида, дар акарияти ҳолатҳо дар назди гурӯҳҳои таблиғгари идеологияи тундгаро ва ифротӣ осебпазир мегарданд. Инчунин, метавон ёдовар гашт, ки эҳсоси танҳоӣ ва маҳдудияти дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ низ ба осебпазирии муҳоҷирон мусоидат менамояд. Таъсири равонӣ, дурӣ аз наздикон ва оила, маҳдудияти дастгириҳо, набудани адолатнокӣ, эҳтимоли осебпазирии муҳоҷиронро нисбати андешаҳои тундгаро ва ифротӣ зиёд мегардонад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки гурӯҳҳои радикалӣ, махсусан дар муҳити муҳоҷирон барои ҷалби тарафдорон бештар фаъол мебошанд. Онҳо барои ҷалби муҳоҷирон бештар аз шабакаҳои иҷтимоӣ, марказҳои ғайрирасмии динӣ, гурӯҳҳои ғайрилегалӣ истифода менамоянд. Муҳоҷирон, махсусан муҳоҷирони ғарирасмӣ аз тарси ихроҷ аз кишвар ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат намекунанд, аз ин хотир гурӯҳҳои ифротгаро ва тундгаро бе мушкилии зиёд онҳоро ба фаъолияти худ ҷалб менамоянд.

Дигар паҳлуи масъала аз он иборат аст, ки ҳангоми дар муҳоҷират қарор доштан аксаран ҷавонон аз зери назорати мақомоти амнияти давлатӣ ва дигар ниҳодҳои ҷамъиятии миллӣ дур мебошанд. Чунин ҳолат боиси зери назари ҳаргуна созмонҳои бегона ва дорои ғаразҳои сиёсӣ қарор гирифтани муҳоҷирон мегардад. Мутаассифона, солҳои охир ҳолатҳои зиёде ба мушоҳида расиданд, ки ҷавонони Тоҷикистон дар берун аз хоки кишвар ва ҳангоми дар муҳоҷират қарор доштан гирифтори таблиғи созмонҳои ифротгаро гардиданд ва иддае, ҳатто, ба амалҳои даҳшатафканӣ ва ҷиноӣ низ даст заданд. Дар низои Сурия ва Ироқ низ шумораи зиёди нафарони иштирокдошта аз Тоҷикистон маҳз аз давлатҳои дигар вориди ин минтақа гардида буданд. Албатта, дар сурати баланд будани сатҳи муҳоҷират назорати ҳамаҷониба ва пурраи он низ ғайриимкон мегардад ва чунин ҳолат эҳтимолияти зуҳури ҳар гуна тамоюли хатарзоро миёни муҳоҷирон зиёд мегардонад.

Муҳаққиқ М.В. Олкотт зикр намудааст, ки "муҳоҷирони Осиёи Марказӣ бинобар омезиши омилҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба осонӣ ба муҳити идеологӣ, динӣ ва инчунин шабакаҳои ифротӣ ҷалб мешаванд". Ҳамин тариқ, муҳоҷирон ба чунин як муҳите ворид мешаванд, ки эҳтимолияти ҷалби онҳо ба идеологияҳои нав ва хавфнок мавҷуд аст [12,с.109].

Дар мавриди таъсири муҳоҷират ба рушди тундгароӣ дар миёни ҷавонони тоҷик бархе таҳқиқотҳо таваҷҷуҳ намудаанд. Дар таҳқиқоте, ки аз ҷониби гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ дар мавзуи «Тақвияти муқовимати ҷавонон ба тундгароӣ: далелҳо аз Тоҷикистон» сурат гирифтааст ба омили муҳоҷиратии тундгароӣ ва ифротишавӣ таваҷҷуҳ карда шудааст. Пурсишҳои гузаронида дар доираи ин таҳқиқот ошкор намудаанд, ки чӣ гуна ва чаро муҳоҷирон ба ифротгароӣ осебпазир гардидаанд. Хусусан он ҷиҳат ошкор гардидааст, ки чи гуна муҳоҷирони тоҷик дар Россия ба гурӯҳҳои ифротгаро ва тундгаро пайваст гардидаанд. (13, с. XVI)

Илова бар ин таҳқиқоти мазкур он ҷиҳатро ошкор кардааст, ки шумораи зиёде аз шаҳрвандони Тоҷикистон ҳангоми дар муҳоҷират қарор доштан дар Федератсияи Россия ба

сафи созмонҳои тундгаро ва ифротӣ пайваста баъдан тавассути Туркия ба Сурияву Ироқ рафтаанд. Бар замми ин аксари муҳоҷироне, ки ҳангоми дар Россия будан тундгаро шудаанд агентҳои ифротигардӣ дар Тоҷикистон гардидаанд. (14,с. 9) Дар ин таҳқиқот ҳамчунин омилҳои гаравиши муҳоҷирон ба чунин созмонҳо зикр шудаанд, ки надоштани саводи кофии динӣ, таъсири рӯҳониёни ифротишуда аз ҷумлаи онҳо доништа мешаванд. Ба андешаи мо дар ин раванд омили беназорат мондани муҳоҷирон низ таъсири худро гузоштааст.

Ҳамин тариқ, хавфу хатари паҳн шудани идеологияи иртиҷоӣ дар миёни муҳоҷирон аз омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ ва иттилоотӣ вобаста аст. Аз ин хотир баҳри бартарафнамоӣ ё маҳдуднамоии интишори идеологияи иртиҷоӣ дар байни муҳоҷирон баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, дастгирии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, ҳамкорӣ бо кишварҳои қабулкунанда, назорат ва пешгирии таблиғоти ифротгароӣ амри зарурӣ мегардад.

Дар шароити имрӯза сатҳи баланди муҳоҷират эҳтимоли зиёди таъсири манфӣ гузоштан ба амнияти миллии Тоҷикистонро доро мебошад. Аз нуқтаи назари сиёсӣ муҳоҷират ба вобастагии шадиди сиёсии кишвар аз давлати қабулкунанда, истифодаи фишороварии сиёсӣ, хавфу хатари заифгардии соҳибистиқлолӣ ва паҳн гаштани идеологияи иртиҷоӣ оварда мерасонад. Аз ин хотир, зарур аст, ки ба масъалаи муҳоҷират таваҷҷуҳи хоса равон гардида, сатҳи он мувофиқ ба имкониятҳои ҷойдошта коҳиш дода шавад.

***ПАЙНАВИШТ:***


1. *Валлерстайн И. Мир-система / И.Валлерстан. -Москва: Университетская книга, 2001. - 368 с.*
2. *Витковская Г. М. Трудовая миграция из Центральной Азии в Россию: тенденции и последствия / Г.М. Витковская. -Москва: МАКС Пресс, 2011. -173с.*
3. *Воронов А. М., Сандугей А.Н. О системных проблемах государственного администрирования в сфере миграции / А.М.Воронов // Административное право и процесс. 2020. № 11. С. 52–56.*
4. *Кастелс С., Хаас Х. Век миграции. Международное движение населения в современном мире / С. Кастелс, Х.Хаас. -Москва: Дело, 2022. -342с.*
5. *Краснова К. А., Сибагатуллина Э.Т. Роль миграционного законодательства в укреплении государственного суверенитета и обеспечении общественной безопасности Российской Федерации / К.А. Краснова, Э.Т. Сибагатуллина // Миграционное право. 2011. № 3. - С . 6–9.*
6. *Мукомел В. И. Миграционная политика России: состояние и перспективы / В.И. Мукомел. - Москва: Институт социологии РАН, 2013. -265с.*
7. *Назаретян А. Д. Цивилизационные кризисы и миграционные процессы / А.Д. Назаретян. -Москва, 2010. -362с.*
8. *Сакаев В.Т. Риски высокой иммиграции для политического и экономического развития России / В.Т. Сакаев // Вестник Пермского университета. Политология. 2015. №4. - С. 159-174.*
9. *Семенова А.В. Современное состояние миграционной безопасности Российской Федерации / А.В. Семенова // Административное право и процесс. 2016. № 2. - С . 40–42.*
10. *Faletto E. Dependency and Development in Latin America / E. Faletto. -Berkeley: University of California Press, 1979. -308p.*
11. *Olcott, M. B. In the Whirlwind of Jihad / M. B. Olcott. -Washington: Carnegie, 2007. - 312p.*
12. *Olcott, M. B. Central Asia's Second Chance / M. B. Olcott. -Washington, D.C.: Carnegie Endowment for International Peace, 2005.- 312p.*
13. *Strengthening Youth Resilience to Radicalization: Evidence from Tajikistan. World Bank. 2020, 74c. (маводи электронӣ). Суроғаи дастрасӣ*

*https://www.worldbank.org/en/region/eca/publication/strengthening-youth-resilience-to-radicalization-evidence-from-tajikistan Санаи дастрасӣ: 18.01.2026*
14. *Sassen S. The Mobility of Labor and Capital / S. Sassen. -Cambridge: Cambridge University Press, 1988. -276p.*

**REFERENCES:**

1. *Wallerstein I. The World System / I. Wallerstein. - Moscow: University Book, 2001. - 368 pp.*
2. *Vitkovskaya G. M. Labor Migration from Central Asia to Russia: Trends and Consequences / G. M. Vitkovskaya. - Moscow: MAKS Press, 2011. - 173 pp.*
3. *Voronov A. M., Sandugei A. N. On Systemic Problems of Public Administration in the Sphere of Migration / A. M. Voronov // Administrative Law and Process. 2020. No. 11. PP. 52–56.*
4. *Castells S., Haas H. The Century of Migration. International Population Movement in the Modern World / S. Castells, H. Haas. - Moscow: Delo, 2022. - 342 pp.*
5. *Krasnova K. A., Sibagatullina E. T. The Role of Migration Legislation in Strengthening State Sovereignty and Ensuring Public Security of the Russian Federation / K. A. Krasnova, E. T. Sibagatullina // Migration Law. 2011. No. 3. PP. 6–9.*
6. *Mukomel V. I. Migration Policy of Russia: Status and Prospects / V. I. Mukomel. - Moscow: Institute of Sociology of the Russian Academy of Sciences, 2013. -265 pp.*
7. *Nazaretyan A. D. Civilization Crises and Migration Processes / A. D. Nazaretyan. - Moscow, 2010. -362 pp.*
8. *Sakaev V. T. Risks of High Immigration for Russia's Political and Economic Development / V. T. Sakaev // Bulletin of Perm University. Political Science. 2015. No. 4. PP. 159-174.*
9. *Semenova A.V. Current State of Migration Security of the Russian Federation / A.V. Semenova // Administrative law and process. 2016. No. 2. PP. 40–42.*
10. *Faletto E. Dependency and Development in Latin America / E. Faletto. -Berkeley: University of California Press, 1979. -308 pp.*
11. *Olcott, M. B. In the Whirlwind of Jihad / M. B. Olcott. -Washington: Carnegie, 2007. 312 pp.*
12. *Olcott, M. B. Central Asia's Second Chance / M. B. Olcott. -Washington, D.C.: Carnegie Endowment for International Peace, 2005. 312 pp.*
13. *Strengthening Youth Resilience to Radicalization: Evidence from Tajikistan. World Bank. 2020, 74 pp. (Electronic resource). https://www.worldbank.org/en/region/eca/publication/strengthening-youth-resilience-to-radicalization-evidence-from-tajikistan date of appeal: 18.01.2026*
14. *Sassen S. The Mobility of Labor and Capital / S. Sassen. -Cambridge: Cambridge University Press, 1988. -276 pp*